# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# УКАЗ
# ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Дар бораи Тартиби баҳодиҳии мустақили беруна ба сифати аудите, ки Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон гузарондааст

Мутобиқи моддаи 53 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармон медиҳам:

1. Тартиби баҳодиҳии мустақили беруна ба сифати аудите, ки Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон гузарондааст, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои талаботи Тартиби мазкурро таъмин намояд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
7 майи соли 2024
№ 825

**ФАРМОНИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**УКАЗ**
**ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# О Порядке внешней независимой оценки качества аудита, проведенного Счётной палатой Республики Таджикистан

В соответствии со статьей 53 Закона Республики Таджикистан «О Счётной палате Республики Таджикистан» постановляю:

1. Утвердить Порядок внешней независимой оценки качества аудита, проведенного Счётной палатой Республики Таджикистан (прилагается).

2. Счётной палате Республики Таджикистан обеспечить исполнение требований настоящего Порядка.

Президент
Республики Таджикистан — Эмомали Рахмон

РАЁСАТИ КОРГУЗОРИ ВА НАЗОРАТ

г. Душанбе
7 мая 2024 года
№ 825

ПАЛАТАИ ... ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВОРИДОТ № 23
14 " 05 с.2024

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 7 » майи соли 2024, №825
тасдиқ шудааст

# Тартиби
# баҳодиҳии мустақили беруна ба сифати аудите, ки Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон гузарондааст

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби баҳодиҳии мустақили беруна ба сифати аудите, ки Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон гузарондааст (минбаъд – Тартиб), роҳҳои банақшагирӣ, татбиқ ва гузарондани баҳодиҳӣ аз ҷониби мақоми баробар, ҳисобот аз натиҷаи он, пешниҳоди тавсия ва татбиқи натиҷаҳоро танзим менамояд.

2. Баҳодиҳии мустақили беруна ба сифати аудите, ки Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Палатаи ҳисоб) гузарондааст на камтар аз як маротиба дар панҷ сол аз ҷониби аудити байналмилалии берунаи давлатӣ, ки ваколаташ ба Палатаи ҳисоб баробар аст, гузаронда шуда, хулосаи он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

3. Баҳодиҳӣ аз ҷониби мақоми баробар ин санҷиш ё тавсиядиҳии ихтиёрӣ аз ҷониби аудиторони берунӣ мебошад, ки бо мақсади омӯзиш, таҳлил, роҳҳои рушд ва тақвияти фаъолият, ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами аудити берунаи байналмилалӣ, баланд бардоштани неруи кадрӣ ва самаранокии мақоми олии аудити давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## 2. ТАРТИБИ ҲАМКОРӢ ДАР БАҲОДИҲӢ, ИНТИХОБИ ШАРИК, ЗАХИРАҲОИ ИНСОНИЮ МОЛИЯВӢ ВА БАИМЗОРАСОНИИ ЁДДОШТИ ТАФОҲУМ ОИД БА ҲАМКОРӢ

4. Баҳодиҳӣ аз ҷониби мақоми олии аудити берунаи давлати хориҷӣ, ки ваколаташ бо Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар аст, бо дарназардошти муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон гузаронда мешавад.

5. Интихоби шарик дар амалӣ намудани баҳодиҳӣ ва аъзои гурӯҳи коршиносон вобаста ба мақсад, доираи баҳодиҳӣ ва интизорӣ аз натиҷаи баҳодиҳӣ, намуди баҳодиҳӣ, инчунин натиҷаҳои интизоршаванда ва забони муоширати тарафҳо анҷом дода мешавад.

6. Дар ҷараёни интихоби шарик ва аъзои гурӯҳи коршиносон донишу малака мутобиқи соҳа ва самти фаъолият, таҷрибаи қаблии онҳо, ҷой надоштани бархӯрди манфиатҳо, инчунин ҳолатҳои дигар, аз ҷумла мустақилияти онҳо, таъминоти захиравӣ (аз ҷиҳати шумора ва сифат), донистани забон ва сохтори ташкилии мақоми баробар муайян карда мешавад.

7. Палатаи ҳисоб баъди муайян намудани мақоми олии аудити берунаи давлати хориҷӣ, ки баҳодиҳӣ ба сифати аудитро амалӣ менамояд, ба он барои банақшагирии дуруст маълумоти дақиқ оид ба вазъи ҳуқуқӣ, вазифаҳо, сохтор ва ҳисоботи солонаи фаъолияти худро пешниҳод карда, доираи баҳодиҳӣ, ҷадвал ва масъалаи арзиши баҳодиҳиро муайян менамояд.

8. Бо мақсади таъмини самаранокии баҳодиҳӣ, масъалаи захираҳои инсонию кадрӣ дақиқ ба нақша гирифта шуда, дар марҳилаи омодагӣ масъалаҳои шумора, функсия, соҳаи фаъолияти баҳодиҳанда, ки мақоми олии аудити берунаи давлати хориҷӣ-шарик пешниҳод менамояд, муайян карда мешаванд.

9. Ҳангоми банақшагирӣ ҷадвали кории кормандон, сарбории онҳо, шахсони масъул ва роҳбарони гурӯҳҳои корӣ муайян карда мешаванд.

10. Палатаи ҳисоб гурӯҳи кории дохилиро барои ҳамоҳангсозии ҷараёни баҳодиҳӣ ва иҷрои функсияи маркази ҳамоҳангсозӣ ва дастгирии гурӯҳи коршиносон оид ба баҳодиҳӣ таъсис медиҳад.

11. Палатаи ҳисоб хароҷоти гузарондани баҳодиҳӣ аз ҷониби мақоми олии аудити берунаи давлати хориҷӣ, аз ҷумла роҳкиро, сафархарҷӣ, хизмати тарҷумон ва ғайраро сарфакорона дар сметаи хароҷоти фаъолияташ муайян ва пешбинӣ намояд.

12. Баҳодиҳӣ аз ҷониби мақоми олии аудити берунаи давлати хориҷӣ метавонад аз манбаъҳои дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манънагардида маблағгузорӣ карда шавад.

13. Баҳодиҳӣ аз ҷониби мақоми олии аудити берунаи давлати хориҷӣ ё донорон тибқи принсипи мустақилияти Созмони байналмилалии мақоми олии аудит маблағгузорӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат ҷонибҳо тартиби хароҷотро муайян менамоянд.

14. Баҳодиҳӣ аз ҷониби мақоми олии аудити берунаи давлати хориҷӣ ихтиёрӣ буда, ба боварии тарафҳо асос меёбад.

15. Ёддошти тафоҳум созиши байни Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми олии аудити берунаи давлати хориҷӣ, ки баҳодиҳиро амалӣ менамояд, дониста мешавад. Ёддошти тафоҳум ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва масъулияти иштирокдоронро танзим намуда, ҷузъиёти калидии баҳодиҳӣ, аз ҷумла доира, тарзу усул, мӯҳлат (санаи оғоз ва анҷом), давра, стандартҳо ва меъёрҳои татбиқшаванда, хароҷот, тартиб ва талабот оид ба дастрасӣ ба маълумот, натиҷаи

интизоршаванда, дастгирии техникӣ, мухлати пешниҳоди лоиҳаи ҳисобот ва ҳисоботи ниҳоиро пешбинӣ менамояд.

16. Ёддошти тафоҳум дақиқ, мушаххас ва кутоҳ таҳия гардида, аз ҷониби роҳбарияти ҷонибҳо то оғози баҳодиҳӣ ба имзо расонда мешавад.

## 3. ТАРТИБИ БАНАҚШАГИРИИ БАҲОДИҲӢ

17. Гурӯҳи коршиносон оид ба гузарондани баҳодиҳӣ баъди ба имзо расондани Ёддошти тафоҳум дар асоси созиш нақшаи муфассал, ки роҳҳои муносиб ва марҳилаҳои баҳодиҳиро муайян мекунад, таҳия менамояд.

18. Нақша қарорҳои калидӣ ва чорабиниҳо оид ба ташкил, иҷро ва идоракунии вазифаҳои баҳодиҳиро дар бар мегирад.

19. Ҳангоми банақшагирӣ бо дарназардошти самтҳои фарогири баҳодиҳӣ, хусусият, салоҳият, марҳила, рӯйхати аъзои гурӯҳ ва коршиносони масъул, уҳдадориҳои онҳо, вақт барои ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи дахлдор, мухлати баҳодиҳӣ, инчунин шахси ҳамоҳангсоз муайян карда мешаванд.

20. Кормандони Палатаи ҳисоб оид ба гузаронда шудани баҳодиҳии мустақили берунаи сифати аудит огоҳ карда шуда, барои таъмини иҷрои кор дар ҷойҳо, инчунин ҳамкорӣ бо аъзои гурӯҳ масъул мебошанд.

## 4. ТАРТИБИ БАҲОДИҲИИ МУСТАҚИЛИ БЕРУНАИ СИФАТИ АУДИТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ

21. Баҳодиҳӣ бо тартиби «кор дар ҷояш» раванди бевоситаи фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба баҳодиҳӣ дар Палатаи ҳисоб ба шумор рафта, аз ҷамъоварии далелҳои зарурӣ, таҳлили далелҳо ва таҳияи ҳисобот аз натиҷаи баҳодиҳӣ иборат мебошад. Тартиби «кор дар ҷояш» тибқи нақшаи мувофиқашудаи ҷонибҳо амалӣ карда мешавад.

22. Пеш аз оғози кор шахсони масъули Палатаи ҳисоб бо иштироки якҷояи гурӯҳи коршиносон ҷаласа баргузор намуда, вазифаҳои гузошташуда, мавзуъ ва доираи баҳодиҳӣ, тағйироти бавуҷудомада, ҳолатҳои нав, нақшаи тақвимӣ ва корӣ, рӯйхати шахсоне, ки бояд бо онҳо суҳбат гузаронда шавад, дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳо, низоми маълумот ва кормандон, ҳамоҳангсозии таъминоти моддию техникӣ ва нақлиёт, хароҷот ва тартиби пардохти он, мухлатҳои пешбинишуда ва санаҳои назоратӣ, инчунин пешниҳоди ҳисоботро муҳокима менамоянд.

23. Далелҳои аз ҷониби гурӯҳи корӣ ҷамъоваришуда ва натиҷаи баҳодиҳӣ, ки ба сифати асос дар таҳияи ҳисобот дастрас карда мешаванд, пешакӣ муҳокима гардида, фикру мулоҳизаҳо изҳор карда мешаванд. Баҳодиҳӣ тибқи меъёр, андоза, соҳаҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

24. Раиси Палатаи ҳисоб мунтазам бо роҳбари гурӯҳи коршиносон ҳамкорӣ карда, ҷараёни баҳодиҳӣ, масъалаҳои ҷойдошта ва натиҷаи баҳодиҳиро назорат менамояд.

## 5. ҲИСОБОТ АЗ РӮЙИ НАТИҶАИ БАҲОДИҲИИ МУСТАҚИЛИ БЕРУНАИ СИФАТИ АУДИТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ

25. Ҳисобот аз рӯйи натиҷаи баҳодиҳӣ аз ҷониби мақоми олии аудити берунаи давлати хориҷӣ бевосита натиҷаи асосии баҳодиҳӣ буда, аз тайёр кардани лоиҳаи ҳисобот, баррасии ҳисобот, хулоса ва тавсия, инчунин аз ҷониби Палатаи ҳисоб тариқи хаттӣ пешниҳоди фикру мулоҳизаҳо ба хулосаи мазкур иборат мебошад.

26. Натиҷаи баҳодиҳӣ ва ҳисобот ба Палатаи ҳисоб тааллуқ дошта, мавзуъ, меъёр ва ҳадди нашри ҳисобот аз натиҷаи баҳодиҳӣ дар ҳар ҳолат бо қарори ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб муайян карда мешавад.

27. Дурустии ҳисобот аз сифати он ва маълумоти пешниҳодшуда вобастагӣ дошта, барои ноил шудан ба сифати баланди ҳисобот талаботҳои пешниҳоди ҳисобот, аз ҷумла мақсаднок, мутобиқ, фаҳмо, пурра, эътимоднок, дақиқ ва қобили қабул будани онҳо таъмин карда мешаванд.

28. Ҳисобот асосҳои воқеӣ ва натиҷаҳо, сарсухани кутоҳ, маълумоти ахборӣ ва калидӣ оид ба мақсад, доира, муносибати мувофиқ ва талабот ба баҳодиҳиро дар бар мегирад.

29. Натиҷаҳои мушоҳида қисми асосии ҳисобот буда, метавонад аз бобҳо иборат бошад.

30. Натиҷа ва тавсияҳо ҷавобҳои дақиқ ва кутоҳро нисбат ба мақсадҳо, инчунин тавсияҳои мутобиқи таҷриба оид ба беҳтар кардани фаъолияти Палатаи ҳисоб дар бар мегиранд.

31. Дар ҳисобот истифода аз диаграмма, графика, маълумот ва тасвир имконпазир аст.

32. Лоиҳаи ҳисоботи ниҳоӣ дар шакли хаттӣ таҳия гардида, ба гурӯҳи кории Палатаи ҳисоб бо дарҷи эрод ва пешниҳод барои шарҳ додан ирсол карда мешавад.

33. Лоиҳаи ҳисобот аз натиҷаи баҳодиҳии мустақили беруна ба сифати аудит аз ҷониби Палатаи ҳисоб баррасӣ гардида, оид ба ҳисобот ҷавоби асоснок дар шакли хаттӣ бо дарҷи фикру эзоҳот ё норозигӣ пешниҳод карда мешавад.

34. Ҳисобот аз рӯйи натиҷаи баҳодиҳии мустақили беруна ба сифати аудит аз ҷониби роҳбари гурӯҳи коршиносон ва (ё) аъзои гурӯҳи баҳодиҳӣ ва раиси Палатаи ҳисоб ба имзо расонида мешавад.

35. Тавсия барои беҳтар кардани фаъолияти Палатаи ҳисоб дар марҳилаи баҳодиҳӣ бо тартиби «кор дар ҷояш» таҳия гардида, дар давраи пешниҳоди ҳисобот бо дарназардошти фикру эзоҳот ё норозигӣ такмил дода мешавад.

## 6. ТАВСИЯҲО АЗ РӮЙИ НАТИҶАИ БАҲОДИҲИИ МУСТАҚИЛИ БЕРУНАИ СИФАТИ АУДИТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ

36. Тавсияҳо аз рӯйи натиҷа ва хулосаи баҳодиҳӣ бармеояд, ки диққати асосӣ ба соҳаҳои хавфи зиёддошта ё иқтидор барои рушд дода шуда, бо такя ба натиҷаҳо, ки бояд кутоҳ, фаҳмо, иҷрошаванда ва манфиатбахш бошанд, тартиб дода мешавад.

37. Палатаи ҳисоб бо салоҳдиди худ то кадом сатҳ татбиқ намудани тавсияҳо аз рӯйи натиҷаи баҳодиҳӣ аз ҷониби мақоми баробар ва амалӣ намудани онҳоро интихоб менамояд.

38. Палатаи ҳисоб нақшаи амалӣ намудани тавсияҳоро таҳия ва тасдиқ карда, якҷо бо мактуби ҷавобӣ ба гурӯҳи коршиносон ирсол менамояд. Инчунин, Палатаи ҳисоб метавонад ҷиҳати тақвият бахшидани фаъолият бо дарназардошти тавсияҳо аз рӯйи натиҷаи баҳодиҳии мустақили беруна ба сифати аудит тибқи тартиби муқарраргардида санадҳои дахлдорро вобаста ба рушди Палатаи ҳисоб таҳия ва тасдиқ намояд.

## 7. ТАТБИҚИ НАТИҶАҲОИ БАҲОДИҲИИ МУСТАҚИЛИ БЕРУНА БА СИФАТИ АУДИТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ ВА ФАЪОЛИЯТИ МИНБАЪДА

39. Палатаи ҳисоб ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои аз рӯйи натиҷаи баҳодиҳии мустақили берунаи ба сифати аудит муайянгардида ва тақвият бахшидани фаъолияти худ тибқи нақшаи амалӣ намудани тавсияҳо тамоми чораҳои дахлдорро андешида, аз натиҷаи он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам маълумот ирсол менамояд, инчунин маълумоти дахлдорро дар сомонаи расмии худ ҷойгир менамояд.

40. Палатаи ҳисоб татбиқшаванда будани тавсияҳо, мухлати татбиқи онҳо (кутоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ё дарозмуҳлат), инчунин аз ҷониби худи Палатаи ҳисоб амалӣ кардани он ё зарурати татбиқи чораҳои дигарро дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

41. Татбиқи тавсияҳои қабулшуда метавонад дар лоиҳаи алоҳида ё тақсими уҳдадориҳо байни роҳбарият ва кормандони масъули самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб амалӣ карда шавад.

42. Мақоми олии аудити берунаи давлати хориҷӣ, ки баҳодиҳиро амалӣ намудааст, бо гузашти вақти муқарраршуда иҷрои тавсияҳоро мавриди арзёбӣ қарор дода, дар ҳолати ба таври дахлдор иҷро нагардидани онҳо, ҳисоботи навбатӣ оид ба сатҳи иҷрои тавсияҳо ва ё тавсияҳои иловагӣ ирсол менамояд.

Утвержден
указом Президента
Республики Таджикистан
от « 7 » мая 2024 года, №825

# Порядок
# внешней независимой оценки качества аудита, проведенного Счётной палатой Республики Таджикистан

## 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. Порядок внешней независимой оценки качества аудита, проведенного Счётной палатой Республики Таджикистан (далее – Порядок) регулирует пути планирования, применения и проведения оценки равным органом, отчёта по их результату, представления рекомендаций и реализацию результатов.

2. Внешняя независимая оценка качества аудита, проведенного Счётной палатой Республики Таджикистан (далее - Счётная палата), проводится не менее одного раза в пять лет государственным внешним международным аудитом, полномочия которого равны Счётной палате и его заключение представляется Президенту Республики Таджикистан и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

3. Оценка равным органом это проверка или добровольная рекомендация внешних аудиторов, осуществляемая с целью изучения, анализа, пути развития и укрепления деятельности, внедрения положительного опыта внешнего международного аудита, повышения кадрового потенциала и эффективности высшего органа государственного аудита Республики Таджикистан.

## 2. ПОРЯДОК СОТРУДНИЧЕСТВА ПО ОЦЕНКЕ, ВЫБОРА ПАРТНЕРА, ЧЕЛОВЕЧЕСКИХ И ФИНАНСОВЫХ РЕСУРСОВ И ПОДПИСАНИЕ МЕМОРАНДУМА О ВЗАИМОПОНИМАНИИ О СОТРУДНИЧЕСТВЕ

4. Оценка проводится высшим органом внешнего аудита иностранного государства, полномочия которого равны полномочиям Счётной палаты Республики Таджикистан, с учётом положений законодательства Республики Таджикистан и международных правовых актов, признанных Таджикистаном.

5. Выбор партнёра в осуществлении оценки и членов группы экспертов осуществляется исходя из целей, рамок оценки и ожидания от результата оценки, вида оценки, а также ожидаемых результатов и языка общения сторон.

6. В процессе выбора партнера и членов экспертной группы определяются знания и навыки в соответствии со сферой и направлением

деятельности, их предыдущий опыт, отсутствие конфликта интересов, а также другие обстоятельства, в том числе их независимость, ресурсное обеспечение (по количеству и качеству), знание языка и организационной структуры равного органа.

7. Счётная палата после определения высшего органа внешнего аудита иностранного государства, осуществляющего оценку качества аудита, для правильного планирования предоставляет точные сведения о правовом статусе, задачах, структуре и годовой отчёт своей деятельности и определяет охват оценки, график и вопрос оценочной стоимости.

8. В целях обеспечения эффективности оценки четко планируется вопрос человеческих кадровых ресурсов и на подготовительном этапе определяются вопросы количества, функций, сферы оцениваемой деятельности, представляемой высшим органом внешнего аудита иностранного государства-партнера.

9. При планировании устанавливается график работы сотрудников, их нагрузка, ответственные лица и руководители рабочих групп.

10. Счетная палата создает внутреннюю рабочую группу для координации процесса оценки и выполнения функции координационного центра и поддержки экспертной группы по оценке.

11. Счетная палата в смете расходов своей деятельности экономно определяет и предусматривает расходы на проведение оценки высшим органом внешнего аудита иностранного государства, в том числе проездные, командировочные, услуги переводчика и т.д.

12. Оценка высшим органом внешнего аудита иностранного государства может финансироваться из других источников, не запрещенных законодательством Республики Таджикистан.

13. Оценка высшим органом внешнего аудита иностранного государства или донорами финансируется в соответствии с принципом независимости Международной организации высшего органа аудита. В этом случае стороны определяют порядок расходования.

14. Оценка высшим органом внешнего аудита иностранного государства является добровольным и основывается на доверии сторон.

15. Меморандум о взаимопонимании признаётся соглашением между Счётной палатой Республики Таджикистан и высшим органом аудита иностранного государства, осуществляющим оценку. Меморандум о взаимопонимании регулирует права, обязанности и ответственность участников, предусматривает ключевые детали оценки, в том числе охват, способ, сроки (дата начала и окончания), период, применимые стандарты и нормы, расходы, порядок и требования доступа к данным, ожидаемый результат, техническую поддержку, сроки представления проекта отчета и окончательного отчета.

16. Меморандум о взаимопонимании разрабатывается четко, конкретно и кратко и подписывается руководством сторон до начала оценки.

## 3. ПОРЯДОК ПЛАНИРОВАНИЯ ОЦЕНКИ

17. Группа экспертов по проведению оценки после подписания Меморандума о взаимопанимании на основе соглашения разрабатывают подробный план, определяющий соответствующие пути и этапы оценки.

18. План включает ключевые решения и мероприятия по организации, выполнению и управлению оценочными задачами.

19. При планировании с учетом охватывающих направлений оценки, определяются характер, компетенция, этапы, список членов группы и ответственных экспертов, их обязанности, время сбора соответствующих подтверждающих документов, сроки оценки, а также координирующее лицо.

20. Сотрудники Счётной палаты уведомляются о проведении независимой внешней оценки качества аудита и несут ответственность за обеспечение выполнения работ на местах, а также за сотрудничество с членами группы.

## 4. ПОРЯДОК ВНЕШНЕЙ НЕЗАВИСИМОЙ ОЦЕНКИ КАЧЕСТВА АУДИТА СЧЁТНОЙ ПАЛАТЫ

21. Оценка по порядку «работа на месте» является непосредственным процессом деятельности рабочей группы по оценке в Счётной палате, которая состоит из сбора необходимых доказательств, анализа доказательств и разработки отчёта по результатам оценки. Порядок «работа на месте» осуществляется в соответствии с согласованным планом сторон.

22. Перед началом работы ответственные лица Счётной палаты при совместном участии экспертной группы проводят совещание, обсуждают поставленные задачи, темы и охват оценки, возникшие изменения, новые обстоятельства, календарный и рабочий план, список лиц, с которыми необходимо провести беседу, доступ к документам, системе данных и персонала, координацию материально-технического и транспортного обеспечения, расходы и порядок их оплаты, предусмотренные сроки и контрольные даты, а также представление отчёта.

23. Доказательства, собранные рабочей группой, и результаты оценки, полученные в качестве основы при подготовке отчёта, заранее обсуждаются и высказываются мнения. Оценка осуществляется в соответствии с нормами, размером, отраслями и порядком, установленными законодательством Республики Таджикистан и международными правовыми актами, признанными Таджикистаном.

24. Председатель Счётной палаты регулярно сотрудничает с руководителем экспертной группы и контролирует процесс оценки, существующие вопросы и результаты оценки.

## 5. ОТЧЁТ ПО РЕЗУЛЬТАТАМ ВНЕШНЕЙ НЕЗАВИСИМОЙ ОЦЕНКИ КАЧЕСТВА АУДИТА СЧЁТНОЙ ПАЛАТЫ

25. Отчёт по результатам оценки высшим органом внешнего аудита иностранного государства непосредственно является основным результатом оценки и состоит из подготовки проекта отчёта, рассмотрения отчёта, заключения и рекомендации, а также представления письменного мнения Счётной палатой на указанное заключение.

26. Результаты оценки и отчёт принадлежат Счётной палате, тема, норма и предел публикации отчёта по результатам оценки в каждом случае определяются решением коллегии Счётной палаты.

27. Достоверность отчёта зависит от его качества и представленных данных и для достижения высокого качества отчёта обеспечиваются требования к представлению отчёта, в том числе их целенаправленность, соответствие, ясность, полнота, надежность, точность и конструктивность.

28. Отчёт включает в себя фактические основы и результаты, краткое введение, информационные и ключевые сведения о цели, охвате, соответствующем подходе и требованиям к оценке.

29. Результаты наблюдения являются основной частью отчёта и могут состоять из глав.

30. Результат и рекомендации включают точные и краткие ответы относительно целей, а также рекомендаций, основанных на опыте по улучшению работы Счётной палаты.

31. В отчёте возможно использование диаграмм, график, сведений и изображений.

32. Проект окончательного отчёта составляется в письменной форме и направляется рабочей группе Счётной палаты с указанием замечаний и предложения для представления разъяснений.

33. Проект отчёта по результатам оценки высшим органом внешнего аудита иностранного государства рассматривается Счётной палатой и об отчёте представляется обоснованный ответ в письменной форме с указанием мнений и замечаний или несогласия.

34. Отчёт по результатам внешней независимой оценки в качестве аудита подписывается руководителем группы экспертов и (или) членов оценочной группы и председателем Счётной палаты.

35. Рекомендация для улучшения деятельности Счётной палаты разрабатывается на этапе оценки «работа на месте», совершенствуется в период представления отчёта с учётом мнений и замечаний или несогласия.

## 6. РЕКОМЕНДАЦИИ ПО РЕЗУЛЬТАТАМ ВНЕШНЕЙ НЕЗАВИСИМОЙ ОЦЕНКИ КАЧЕСТВА АУДИТА СЧЁТНОЙ ПАЛАТЫ

36. Рекомендации вытекают из результатов и заключения оценки, где основное внимание уделяется отраслям, имеющим большие риски или

потенциалу развития и составляются с опорой на результаты, которые должны быть кратки, четки, выполнимы и выгодны.

37. Счётная палата по своему усмотрению выбирает на каком уровне применять рекомендации по результатам оценки высшим органом внешнего аудита иностранного государства и осуществлять их на практике.

38. Счётная палата разрабатывает и утверждает план реализации рекомендаций, который совместно с ответным письмом направляет экспертной группе. Также Счётная палата для укрепления деятельности с учетом рекомендаций по результатам оценки высшим органом внешнего аудита иностранного государства, может разработать и утвердить в установленном порядке соответствующие акты, связанные с развитием Счетной палаты.

## 7. ПРИМЕНЕНИЕ РЕЗУЛЬТАТОВ ВНЕШНЕЙ НЕЗАВИСИМОЙ ОЦЕНКИ КАЧЕСТВА АУДИТА СЧЁТНОЙ ПАЛАТЫ И ПОСЛЕДУЮЩАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ

39. Счётная палата для устранения недостатков, выявленных по результатам внешней независимой оценки в качестве аудита и усиления своей деятельности в соответствии с планом реализации рекомендаций принимает все соответствующие меры и о результатах регулярно представляет информацию Президенту Республики Таджикистан и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, а также размещает соответствующую информацию на своём официальном сайте.

40. Счётная палата устанавливает применимость рекомендаций, сроки их применения (краткосрочные, среднесрочные или долгосрочные), а также осуществления рекомендаций самой Счётной палатой, или необходимости применения иных мер в рамках законодательства Республики Таджикистан.

41. Применение принятых рекомендаций может быть осуществлено в отдельном проекте или в распределении обязанностей между руководством и ответственными сотрудниками направлений деятельности Счётной палаты.

42. Высший орган внешнего аудита иностранного государства, осуществивший оценку, по истечению установленого времени оценивает исполнение рекомендаций и в случае несоответствующего их исполнения, направляет очередной отчёт об уровне исполнения рекомендаций или дополнительные рекомендации.

РАИСИ
ПАЛАТАИ ҲИСОБИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аҳмадзода Ф.З.
Сараудиторон
Сардорони воҳидҳои сохторӣ
Барои маълумот, корбарӣ
ва таъмини татбиқ.

Қ. Чиллазода

№23

"14" 05 2024